«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, профессор Қурбонзода М.Р.__________
«__12__» _____06_______2026

**Тақризи**

**муассисаи пешбар - кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба рисолаи доктории Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. -Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик № 11 аз 05.06.2026 мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент Мирзоев Ғ.Ш., доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А., номзадҳои илмҳои таърих Баротов М.Ю., Садриддини А., Абдуллоев Ҷ., Садбарги Исо., Манзураи Ю., Муҳаммадзода Б ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А. омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнулло дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ. Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки соҳаи роҳсозиву нақлиёт яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз солҳои 20-уми асри XX бунёди роҳҳо, роҳи оҳан ва рушди нақлиёт барои пайваст намудани минтақаҳои кишвар ва барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо намуда, соҳаи нақлиёт тадриҷан рушд карда, шабакаи роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва нақлиёти ҳавоӣ васеъ гардид.

Дар давраи истиқлолият рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги роҳсозӣ, нақбҳо, пулҳо ва хатҳои роҳи оҳан Тоҷикистон тадриҷан аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо гардида, барои рушди иқтисоди миллӣ ва табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ заминаи мусоид фароҳам омад.

Мубрамии таҳқиқот дар он аст, ки то имрӯз нақши роҳу нақлиёт дар рушди иқтисод, таҳкими ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнулло ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар қисмати гузоришҳои илмӣ масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти илмии мавҷуда, таҳқиқоти қаблӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба таври илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар диссертатсия яке аз самтҳои муҳими стратегӣ ва нисбатан камомӯхташудаи таърихи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» таҳқиқ гардида, оид ба масъалаҳои асосии мавзуъ хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф ҷиҳати истифодаи назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқ як қатор пешниҳодҳои муҳим манзур намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои 1924–2021 ба таври фарогир, муназзам ва байнисоҳавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф марҳилаҳои асосии рушди соҳаи роҳу нақлиётро аз давраи таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон то замони истиқлоли давлатӣ дар заминаи сарчашмаҳои бойгонӣ, маводи оморӣ ва адабиёти илмӣ таҳлил намудааст.

Саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқ бо асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва

тавсияҳои пешниҳодшуда таъмин гардида, ба истифодаи методологияи муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи маводи илмӣ, коркарди натиҷаҳои бадастомада ва мазмуну мухтавои интишороти илмии муаллиф такя менамояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои диссертатсия дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ, адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти марбут ба мавзуъ таҳия ва асоснок карда шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд ҳангоми омӯзиш ва тадриси фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи иқтисодиёти Тоҷикистон, таърихи роҳу нақлиёт ва рушди инфрасохтори кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ васеъ истифода шаванд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи курсҳои махсус, машғулиятҳои факултативӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи рушди соҳаи роҳу нақлиёт, инфрасохтори коммуникатсионӣ ва сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ доранд.

Илова бар ин, хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои нақлиётӣ ва роҳсозӣ, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси дурустӣ ва асоснокии хулосаҳои илмӣ, инчунин истифодаи мақсадноки маҷмӯи усулҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла усулҳои мантиқӣ, таърихият, айният, бетарафӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, системавӣ, татбиқӣ ва таҳлили оморӣ дар раванди омӯзиши мавзуъ муайян мегардад. Истифодаи ин усулҳо имкон дод, ки мавзуи таҳқиқшаванда аз дидгоҳи илмӣ ҳамаҷониба баррасӣ гардида, натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои воқеӣ ва сарчашмаҳои боэътимод асоснок карда шаванд.

Ҳамзамон, асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии таҳияшуда заминаи устувор барои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фароҳам оварда, саҳеҳӣ ва эътимоднокии умумии диссертатсияро тасдиқ менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ. Саҳми шахсии Айнулозода Нахтулло Айнуло дар таҳияи рисолаи доктории илмӣ дар интихоби мавзуи таҳқиқот, муайян намудани асосҳои назариявӣ, мақсад ва вазифаҳои он, таҳияи консепсияи илмӣ, инчунин дар раванди ҷамъоварӣ, системаноксозӣ, таҳлил ва тафсири сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи илмӣ возеҳ инъикос меёбад. Муаллиф тамоми марҳилаҳои таҳқиқотиро дар асоси пажӯҳиши мустақилона, истифодаи усулҳои муосири илмӣ ва коркарди амиқи маводи бойгонӣ анҷом додааст.

Натиҷаҳои бадастомада маҳсули кори мустақилонаи илмии муаллифи

диссертатсия буда, аз сатҳи баланди тайёрии илмӣ-назариявӣ, қобилияти таҳлили амиқ, тафаккури системавӣ ва муносибати комплексии ӯ ба омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 31 нашрияи илмии муаллиф, аз ҷумла 2 монография ва 29 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1 – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 – Таърихи ватанӣ) ҳамчун кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, мутобиқ ба талаботи бандҳои дахлдори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба тартиби муқарраргардида ба расмият дароварда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», шаш боб, чордаҳ зербоб, инчунин бахшҳои «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат буда, ҳаҷми умумии он 376 саҳифаи чопи компютериро ташкил намуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда 378 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок гардида, сатҳи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамзамон, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети он муайян шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори илмӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии он, инчунин нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд. Дар баробари ин, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, роҳҳои тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори умумии диссертатсия низ баррасӣ ва муайян гардидааст.

Боби якуми диссертатсия ба «Омӯзиши масъала ва заминаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон» бахшида шуда, аз ду зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои таърихнигорӣ ва заминаҳои таърихии рушди соҳаҳои роҳу нақлиётро фаро мегирад.

Дар зербоби якум масъалаи «Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методологияи таҳқиқот», таҳлил карда шуда, муаллиф сатҳи омӯзиши мавзуъро дар таърихнигории Шуравӣ ва солҳои истиқлолият мавриди таҳлил қарор додааст. Муайян мегардад, ки гарчанде дар ин самт то ин давра

як қатор таҳқиқоти илмӣ ва осори муҳаққиқон мавҷуд бошанд ҳам, вале то ҳол асари мукаммал ва ҷамъбастӣ оид ба таърихи хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон барои як давраи мукаммал ба табъ нарасидааст.

Муаллиф ба осори муҳими илмӣ, аз ҷумла китоби шашҷилдаи «История таджикского народа», «Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана», инчунин таҳқиқоти А.П. Василев, Ю.М. Яковлев, М.С. Коганзон , Я.Т. Бронштейн , С. Назруллоев ва Б.Б. Каримов такя намуда, сатҳи омӯзиши масъала ва норасоиҳои онро асоснок кардааст.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот зиёда аз 12 фонди бойгонии марказии давлатӣ (№ 1, 2, 6, 9, 10, 17, 18, 19, 20, 282, 894, 1595) истифода шудааст, ки арзиши сарчашмашиносии таҳқиқро афзоиш медиҳад.

Дар зербоби дуюм: «Заминаҳои таърихии ташаккули роҳсозӣ ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон», омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва таърихии рушди соҳа баррасӣ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки то оғози солҳои 20-уми асри XX дар ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 10 000 км роҳҳои корвонгузар мавҷуд буда, нақлиёт асосан тавассути шутур, асп ва ароба амалӣ мегардид.

Дар солҳои аввали ҳукумати Шуравӣ роҳҳои муҳими боркашонӣ, аз ҷумла масири Саройкамар – Қалъаи Хумб – Вомар ва Дарбанд – Ҳисор – Ғарм аҳаммияти иқтисодӣ ва маъмурӣ доштанд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки бо таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924, соҳаи роҳсозӣ ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, дар солҳои минбаъда инфрасохтори нақлиётӣ тадриҷан рушд кардааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 20–40-уми асри XX» масъалаҳои муҳими бунёд ва таҳкими инфрасохтори нақлиётиро дар марҳилаи ибтидоии давраи Шуравӣ ва солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар бар гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал масъалаи «Бунёди инфрасохтори роҳсозӣ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20–30-юми асри XX ва таъсири он ба пешрафти бахшҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои 20–30-юми асри XX давраи ташаккули сохтори нави давлатӣ буда, таъсиси ҶМШС Тоҷикистон (1924) ва ҶШС Тоҷикистон заминаи муҳим барои рушди минбаъдаи роҳсозӣ гардид.

Тибқи маводи овардашуда, дар оғози солҳои 20-уми асри XX дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳамагӣ 138 км роҳҳои нақлиётгузар, 201 км роҳҳои хокӣ ва 1354 км роҳҳои шағалпӯш мавҷуд буд. То охири соли 1926 дарозии роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ ба 648 км ва роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ба 1337 км расидааст. Ин нишондиҳандаҳо сатҳи пасти ибтидоии инфрасохторро инъикос менамоянд.

Дар ин давра, маркази пайвастшавии роҳҳо аз минтақаи Ҷиликӯл (ҳозира Дӯстӣ) оғоз ёфта, хатсайрҳои муҳим, аз ҷумла Саройкамар – Кӯлоб ва Душанбе – Тирмиз – Саройкамар – Кӯлоб ташаккул меёбанд. Муаллиф инчунин нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали панҷсолаи якум (1928–1932) роҳсозӣ хусусияти коллективӣ касб намуда, бо ҷалби қувваи кории ташкилотҳои давлатӣ ва низомӣ амалӣ мегардид. Дар ин давра арзиши ҳамлу нақл баланд буда, масалан, нархи кашонидани як пуд бор ба 7-12 рубл мерасид, ки ба рушди иқтисод таъсири манфӣ мерасонд.

Дар зербоби дуюм масъалаи «Вазъи сохтмони роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ» баррасӣ шудааст. Таъкид мегардад, ки дар давраи ҷанг корҳои навсозии роҳҳои асосӣ, аз ҷумла роҳи Душанбе – Кӯлоб идома меёфт.

Тибқи маълумоти овардашуда, то оғози ҷанг дар ҷумҳурӣ тақрибан 9203 км роҳ мавҷуд буд, ки аз он 1560 км роҳ асфалтпӯш буд.

Муаллиф фаъолияти сохторҳои идоракунии роҳҳоро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки Раёсати асосии роҳҳои автомобилӣ шабакаи роҳҳоро тавассути идораҳои минтақавӣ (№1, №2, №3) идора менамуд. Аз ҷумла, хатсайрҳои стратегӣ, мисли Сталинобод – Хоруғ, Сталинобод – Ленинобод, ва Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Қӯрғонтеппа – Сталинобод аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ва низомӣ доштанд.

Дар ин давра инфрасохтори роҳ на танҳо ҳамчун воситаи иртибот, балки ҳамчун низоми доимоамалкунанда, ки ба эҳтиёҷоти ҷанг ва иқтисодиёт хизмат мекард, ташаккул ёфт.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Аҳаммияти бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ дар тараққиёти хоҷагии халқии ҶШС Тоҷикистон» масъалаи ташаккули ду самти муҳими инфрасохтори нақлиётӣ: роҳи оҳан ва авиатсияи граждaниро дар солҳои 20–40-уми асри XX мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар зербоби якум «Вазъи шабакаҳои роҳи оҳан ва шаклгирии он дар солҳои 20–40-уми асри XX дар ҶШС Тоҷикистон» муаллиф раванди ташаккули роҳи оҳанро аз замони Русияи подшоҳӣ оғоз намуда, пайвастшавии минтақаҳои Осиёи Миёна бо марказҳои иқтисодии империяро шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, хатҳои асосӣ - Красноводск – Марӣ – Бухоро – Самарқанд – Тошканд ва Оренбург – Тошканд ҳамчун пояи аввалини шабакаи нақлиётӣ баррасӣ мешаванд.

Таъкид мегардад, ки дар ҳудуди шимолии Тоҷикистон тақрибан 109 км роҳи оҳан, ки Ҳуҷандро ба шабакаи умумии Русияи подшоҳӣ пайваст мекард, фаъолият менамуд. То соли 1914 роҳи оҳани Фарғона бо дарозии умумии 585 км ташаккул ёфта, ба рушди робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мусоидат намуд.

Муаллиф ҳамчунин ба сохтмони хатти Бухоро – Тирмиз ва шохаи Қаршӣ – Китоб ишора намуда, аҳаммияти иқтисодию иҷтимоии онро таъкид мекунад. Дар раванди сохтмон иштироки тақрибан 7000 коргар, аз ҷумла мардикорони маҳаллӣ ва мутахассисони хориҷӣ қайд шудааст.

Дар давраи Шуравӣ, махсусан баъди соли 1924, масъалаи пайвастшавии роҳи оҳан ба маркази Тоҷикистон (ш. Душанбе) ба миён гузошта шуда, дар солҳои баъдӣ хатсайрҳои стратегӣ таҳия гардиданд.

Дар зербоби дуюм масъалаи «Раванди ташаккул ва рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон: заминаҳо ва шароити сиёсиву иқтисодӣ» баррасӣ шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки аввалин парвози ҳавоӣ ба Душанбе 3 сентябри соли 1924 бо ҳавопаймои «Юнкерс F-13» анҷом дода шуд.

Хатсайри Бухоро – Тирмиз – Душанбе бо дарозии тақрибан 730 км дар солҳои 1924–1925 ба таври мунтазам фаъол гардид. Аз соли 1927 хатсайри ҳавоии Тошканд – Самарқанд – Тирмиз – Душанбе бо дарозии 1083 км кушода шуд, ки ягона роҳи ҳавоии мусофиркашонии минтақа ба ҳисоб мерафт.

Дар соли 1929 дар Душанбе фурудгоҳ ташкил шуда, авиатсияи гражданӣ бо хариди аввалин ҳавопаймои «Тоҷикистони Сурх» ва кушодани хатсайрҳои дохилӣ, аз ҷумла Душанбе – Рашт, Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Қӯрғонтеппа ва дигар самтҳо рушд ёфт.

Боби чорум «Механизатсияи хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 50–80-уми асри XX» ду зербобро дар бар мегирад ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиётро дар шароити баъдиҷангӣ ва давраи инкишофи саноатӣ инъикос менамояд.

Зербоби якум ба «Масоили ташкили алоқаи нақлиётии минтақаҳо дар ҶШС Тоҷикистон ва рушди роҳҳои мошингард дар солҳои 50-80-ум» бахшида шуда, таъкид мегардад, ки дар солҳои 1950–1980 сиёсати роҳсозӣ ба баланд бардоштани сифат, бехатарии ҳаракат ва истифодаи самараноки роҳҳо равона гардида буд. Дар соли 1950 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бояд 48% ва маҳсулоти кишоварзӣ 27% афзоиш меёфт, ки ин талаботро ба инфрасохтори нақлиётӣ ба вуҷуд овард.

Дар давраи 1940–1950 дарозии умумии роҳҳо аз 13,5 ҳазор км ба 13,8 ҳазор км расид. Гарчанде афзоиш ночиз бошад ҳам, қисми асосии корҳо дар шароити кӯҳӣ иҷро шуда, хусусияти сифатӣ доштанд. Масалан, дар ин давра роҳҳои сахтпӯш аз 0,9 то 1,1 ҳазор км афзоиш ёфтанд.

Дар солҳои 1956–1960 зиёда аз 600 км роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла шоҳроҳи Душанбе–Кӯлоб сохта ва таҷдид шуданд, ҳамчунин 400 км таъмири капиталӣ гузаронида шуд.

Дар соли 1954 танҳо дар як сол 3451 км шоҳроҳҳо навсозӣ гардиданд, ки

аз он 690 км роҳҳои хокӣ ба роҳҳои сахтфарш табдил ёфтанд. Дар соли 1956 истифодаи роҳҳои бо битум пӯшонида нисбат ба соли 1948 тақрибан 22 маротиба афзоиш ёфт.

Дар соли 1955 аввалин хатти троллейбус дар Душанбе бо дарозии 11 км кушода шуд, ки то соли 1956 зиёда аз 12 млн мусофирро интиқол дод. Дар соли 1958 танҳо автобусҳо ба 15,4 млн мусофир хизмат расониданд.

Дар зербоби дуюм масъалаи «Механикунонии соҳаи роҳу нақлиёт ва нақши онҳо дар тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ» баррасӣ гардида, қайд карда мешавад, ки дар солҳои 1950–1980 нақлиёт ба соҳаи калидии иқтисоди миллӣ табдил ёфт. Нақлиёти автомобилӣ дар ин давра қариб сеяки ҳамлу нақли мусофирон ва борро таъмин мекард. Ҳаҷми маблағгузорӣ дар солҳои 1976–1980 зиёда аз 122 млн рублро ташкил дод.

Дар солҳои 1971–1975 низоми банақшагирӣ такмил ёфта, назорати истифодаи роҳҳо пурзӯр гардид. Бо вуҷуди ин, то охири солҳои 80-ум номувофиқатӣ миёни афзоиши талабот ва имкониятҳои инфрасохтор боқӣ монд. То ин давра шабакаи роҳҳо васеъ шуда, нақлиёти автомобилӣ ба воситаи асосии иртиботи дохилӣ табдил ёфт. Аммо дар баъзе минтақаҳо, махсусан кӯҳӣ, ҳанӯз ҳам мушкилоти дастрасӣ ва устувории роҳҳо боқӣ монд.

Боби панҷуми диссертатсия таҳти унвони «Идома ва баркарорсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани ҶШС Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX» масъалаи рушди минбаъдаи ду самти асосии нақлиёт, яъне авиатсияи гражданӣ ва роҳи оҳанро дар шароити баъдиҷангӣ ва давраи таҳкими иқтисоди сотсиалистӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар зербоби якум «Баркарорсозӣ ва рушди авиатсияи гражданӣ дар солҳои 50–80-ум» муаллиф таъкид менамояд, ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ вазъи иқтисодӣ ва инфрасохтории ҷумҳурӣ тадриҷан беҳтар гардида, заминаи васеъ барои рушди нақлиёти ҳавоӣ фароҳам омад. Дар ин давра парки ҳавоии Тоҷикистон бо ҳавопаймоҳои Ил-12, Ил-14, Ан-2, Ил-18 ва дигар техникаи муосири он давра такмил ёфт.

Зикр мегардад, ки алоқаи мустақими ҳавоӣ миёни Душанбе ва марказҳои калони Иттиҳоди Шуравӣ тадриҷан густариш ёфт. Аз ҷумла, соли 1945 бо Маскав, соли 1949 бо Боку ва дар солҳои 1954 ва 1957 бо Сочӣ хатсайрҳои мунтазам ба роҳ монда шуданд. Марҳилаи сифатан нав дар рушди соҳа соли 1960 ба ҳисоб меравад, вақте ки ҳавопаймои турбовинтии Ил-18 ба фурудгоҳи Душанбе ворид гардида, парвозҳои мунтазам ба Маскав ва дигар шаҳрҳои калони Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфт.

Муаллиф бо такя ба нишондиҳандаҳои оморӣ қайд мекунад, ки ҳаҷми мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар ин давра босуръат афзоиш ёфт: агар соли 1958 шумораи мусофирон 161,5 ҳазор нафарро ташкил дода

бошад, пас соли 1963 он ба 573,4 ҳазор нафар ва соли 1965 ба 742,7 ҳазор нафар расид, ки ин тақрибан 4,6 маротиба зиёд гардидани ҳаҷми хизматрасониро нишон медиҳад.

Дар солҳои 70–80-ум авиатсияи санитарӣ ҳамчун самти муҳими иҷтимоӣ ташаккул ёфт. Махсусан дар минтақаҳои кӯҳии ВМКБ истифодаи чархболҳои МИ-4 барои интиқоли беморон, расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ва дастрасӣ ба минтақаҳои душворгузар аҳаммияти хоса пайдо намуд.

Дар зербоби дуюм масъалаи «Фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии нақлиёти роҳи оҳан дар низоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ» баррасӣ мегардад. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар ин давра роҳи оҳан ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими инфрасохтори иқтисодӣ ташаккул ёфта, барои пайваст намудани марказҳои саноатӣ ва минтақаҳои кишоварзӣ хизмат мекард.

Шабакаи роҳи оҳан дар ҷумҳурӣ аз хатҳои асосӣ, аз ҷумла Хавос – Ленинобод, Ленинобод – Қӯқанд, Конибодом – Шуроб ва Тирмиз – Душанбе иборат буд. Ин хатҳо дар таъмини гардиши мол, рушди истеҳсолот ва таҳкими робитаҳои минтақавӣ нақши муҳим доштанд. Муаллиф инчунин ба афзоиши нишондиҳандаҳои боркашонӣ ишора мекунад: дар солҳои 1955–1958 ҳаҷми интиқоли бор аз 2953 ҳазор тонна ба 3009 ҳазор тонна расида, ҳамзамон интиқоли ангишт 61,9 маротиба ва пахта 62,1 маротиба афзоиш ёфт.

Яке аз рӯйдодҳои муҳими ин давра ба истифода додани роҳи оҳани Тирмиз – Қӯрғонтеппа – Ёвон дар соли 1974 мебошад, ки дарозии умумии он 264 км-ро ташкил медод. Дар рафти сохтмони он 7 истгоҳ, зиёда аз 40 пул ва 128 гузаргоҳи роҳи оҳан бунёд гардида, инфрасохтори ҳамроҳ низ ташаккул ёфт.

Боби шашуми рисола «Раванди таҳаввул ва рушди соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ» ба омӯзиши дигаргуниҳои куллии низоми нақлиётии ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташаккули давлатдории навин бахшида шудааст. Боби мазкур аз чор зербоб иборат буда, ҳар кадоме самти алоҳидаи рушди инфрасохтори нақлиётиро дар давраи истиқлол фаро мегирад.

Дар зербоби аввал «Сохтмону навсозии роҳҳои мошингард ва аҳаммияти нақбсозӣ дар замони истиқлоли давлатӣ» масъалаи вазъи инфрасохтори роҳҳо ва зарурати навсозии он мавриди таҳлил қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки гарчанде аксари роҳҳои асосӣ ҳанӯз дар давраи Шуравӣ бунёд гардида буданд, аммо онҳо ба талаботи муосири ҳаракати нақлиёт ҷавобгӯ набуданд. Маҳдудияти ҳаракат, хусусан дар самтҳои кӯҳӣ ба вилояти Суғд ва ВМКБ, истифодаи роҳҳои хатарноки Анзоб, Шаҳристон ва дигар масирҳоро ногузир мегардонд, ки дар мавсими зимистон гоҳе то чанд моҳ баста мешуданд. Дар чунин шароит, масъалаи баромад аз бунбасти коммуникатсионӣ ва густариши робитаҳои нақлиётии дохилӣ ва байналмилалӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфт.

Дар ҳамин замина, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои васеи сохтмон ва таҷдиди роҳҳо амалӣ гардида, бунёди нақбҳо ҳамчун унсури муҳими муҳандисии роҳсозӣ аҳаммияти хос пайдо намуд. Тибқи маълумоти расмӣ, сатҳи фарсудагии роҳҳо дар ибтидои давраи

истиқлол хеле баланд буда, қисми зиёди онҳо ба таъмири ҷиддӣ ниёз доштанд. Бо вуҷуди ин, тадриҷан тавассути маблағгузории давлатӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ шабакаи роҳҳо навсозӣ гардида, пайвастагии минтақаҳои кишвар беҳтар карда шуд.

Дар зербоби дуюм «Вижагиҳои нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ» таҳаввулоти соҳаи роҳи оҳан баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки роҳи оҳан ҳамчун яке аз бахшҳои стратегӣ дар низоми иқтисоди миллӣ нақши муҳим дошта, ҳамлунақли бор ва мусофиронро дар масофаҳои дур бо арзиши нисбатан паст таъмин менамояд. Дар шароити Тоҷикистон, ки дорои релефи кӯҳӣ мебошад, аҳаммияти ин навъи нақлиёт боз ҳам бештар мегардад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва коҳиши робитаҳои марказӣ, соҳаи роҳи оҳан ба мушкилоти ҷиддии молиявӣ ва техникӣ рӯбарӯ гардид. Бо вуҷуди ин, бо амалӣ намудани лоиҳаҳои нав, аз ҷумла бунёди хатҳои нави оҳанӣ ва навсозии қитъаҳои мавҷуда, тадриҷан самаранокии соҳа афзоиш ёфт. Дар ин раванд, рушди инфрасохтор на танҳо ба беҳтар гардидани интиқоли бор мусоидат кард, балки заминаи густариши робитаҳои иқтисодии минтақаҳоро низ фароҳам овард.

Дар зербоби сеюм «Таҳаввули авиатсияи граждани дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳалаҳо ва равандҳо» рушди соҳаи авиатсия дар давраи истиқлол мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зикр мегардад, ки дар солҳои аввали истиқлол, ба сабаби буҳрони сиёсиву иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, авиатсияи гражданӣ ба ҳолати душвор дучор шуд. Коҳиши шумораи мусофирон, фарсудашавии парки ҳавопаймоҳо ва камбудии захираҳои моддиву техникӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосӣ буданд.

Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби сармояи хориҷӣ, соҳа тадриҷан эҳё гардид. Навсозии фурудгоҳҳо, таъсиси хатсайрҳои нав ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ боис гардид, ки авиатсияи гражданӣ ба сатҳи нав бардошта шавад. Дар ин давра, ҳамчунин, омодасозии мутахассисони соҳа ва воридсозии таҷҳизоти муосири амниятӣ дар фурудгоҳҳо ба таҳкими инфрасохтори авиатсионӣ мусоидат намуд.

Дар зербоби чорум «Ҳамкории байналмилалӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI» сиёсати хориҷии нақлиётии кишвар мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки рушди инфрасохтори нақлиётӣ на танҳо масъалаи дохилӣ, балки ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии хориҷии давлат мебошад. Ҷойгиршавии географии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки кишвар ҳамчун пайванди муҳими транзитӣ байни минтақаҳои гуногуни Авруосиё баромад намояд.

Дар ин замина, ҳамгироӣ ба созмонҳои байналмилалӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ва тавсеаи шабакаи роҳҳои байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ пайдо кардааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳандозии даҳҳо лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт кӯшиш намудааст, ки инфрасохтори мавҷударо ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ наздик намояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи муқаррargардидаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1 – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 – Таърихи ватанӣ) ва муқаррароти «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Айнулозода Наҳтулло Айнуло ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1-Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар матни диссертатсия ҳангоми таҳлили баъзе масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт такрори андешаҳо мушоҳида мешавад. Ин ҳолат бештар дар хулосаи зербобҳо ва бобҳои алоҳида ба назар расида, баъзан мазмуни фикрҳои пештар баёншуда дубора такрор гардидааст.

2. Диссертант дар раванди таҳқиқи таърихи рушди хоҷагии роҳу нақлиёт вобаста ба фаъолияти шахсиятҳои намоён, муҳандисон, роҳсозон ва роҳбарони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти мукаммалтар пешниҳод менамуд, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия боз ҳам бештар мегардид.

3. Диссертатсия аз баъзе камбудиҳо ва норасоиҳои дорои хусусияти услубӣ, таҳлилӣ, таҳрирӣ, техникӣ ва чопӣ орӣ нест, ки ислоҳи онҳо метавонад сатҳи илмӣ ва сифати таҳияи рисоларо беҳтар намояд.

4. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи таҷрибаи таърихии рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар баъзе мавридҳо муқоисаи нишондиҳандаҳои Тоҷикистонро бо дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва давлатҳои минтақа агар истифода менамуд, ин ба манфиати кор буда, барои равшантар гардидани хусусиятҳои рушди соҳа мусоидат мекард.

5. Дар матн баъзе ҷумлаҳо аз лиҳози услуби илмӣ каме тулонӣ буда, ихтисор ва таҳрири онҳо матлабро равшантар мегардонад.

6. Дар диссертатсия баъзе истилоҳоти соҳавӣ бе шарҳу тавзеҳи иловагӣ истифода гардидаанд, ки барои хонандаи ғайриихтисос фаҳмишро мушкил месозанд.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло қайдшуда ислоҳпазир буда, аҳаммият ва арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Айнулозода Наштулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси  6.1. -Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Гадозода А. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав протоколи № 11 аз 05.06.2026 соли 2026 муҳокима ва тасдик гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 16 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раисикунанда,** мудири кафедраи
таърихи халқи тоҷики факултети
таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав, н.и.т. Мирзоев Ғ.Ш.

**Ташхисгар**, д.и.т., профессор Гадозода А.

**Котиби ҷаласа** Қурбонова М.С.
Имзои Мирзоев Ғ.Ш., Гадозода А.
ва Қурбонова М-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. Ru

«05» 06 соли 2026